**ХУЛОСАИ**
**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027 дар ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ оид ба рисолаи номзадии Билим Муҳаммад Усмон дар мавзӯи: "Барқароркунии тартиби шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори тарҳи шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон" барои гирифтани унвони илмии номзади меъморӣ аз рӯи ихтисоси 05.23 22 - "Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои аҳолинишини деҳот " пешниҳод намудааст.**

Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-016 дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (суроға: 734042, Душанбе, хиёбони Раҷабовҳо, 10), иборат аз: Раис – Тиллоев Сангаҳмад Самадович, доктори илмҳои таърих (07.00.02 – Таърихи ватанӣ), и.в.дотсент, ва аъзоёни комиссия: Мирзоева Фирӯза Зокировна, номзади меъморӣ (05.23.21 - назария ва таърихи меъморӣ) дотсент, Рахматуллозода Ш.И., номзади меъморӣ (18.00.04) - "Шаҳрсозӣ, банақшагирии ноҳиявӣ, меъмории ландшафтӣ ва банақшагирии маҳалҳои аҳолинишини деҳот"), муаллими калон, рисолаи пешниҳодкардаи довталаб Билим Муҳаммад Усмонро дар мавзӯи: “Барқароркунии системаи шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори тарҳи шаҳрҳои калони вилоятҳои марказии Афғонистон" барои гирифтани унвони илмии номзади меъморӣ, ихтисоси 05.23.22 - " Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои аҳолинишини деҳот " дида баромада, ба чунин хулоса омаданд:

**Аҳамияти мавзӯъ.** Яке аз падидаҳои муҳим ва умумии ҷаҳон имрӯз афзоиши нуктаҳои шаҳрӣ бо тавсияи шадиди шаҳршавӣ ва рӯзафзунии афзоиши (зиёдшавии) шаҳрҳо ба мушоҳида меравад. Ин дар ҳолатест, ки дар маҳдудияти табиии тарҳи шаҳрҳои калону бузург, талаботҳои шадидтарин ва густурдатарин дахолатҳоро бо батартибоварии маҳалҳои шаҳршуда дар муҳитҳои табиии давлатҳои навтараққии ҷаҳонӣ ба миён мегузорад. Чи тавре ки маълум аст, ғализӣ ва олудагии бади обу ҳавои шаҳрҳо, муҳити зист ва шароити бади иҷтимоӣ дар онҳо натиҷа бар омилҳои пайдошавии ҳолатҳои хатарот барои инсон мебошанд. Дар мавҷудияти шаҳрҳо аз яксу нишонаи рушд ва пешрафт дар зиндагии навин бошанд, аз сӯи дигар афзоиши аҳолӣ дар маҳалҳои шаҳршавӣ ба шадидтарин хатароти экологӣ қарор доранд.

Ба ҳамин далелҳо имрӯз ниёз ба сиёсати навини шаҳршавӣ ва барномаҳои замонавии сохтори шаҳрӣ дар асоси корбастҳои мутахассисони илми иқтисод ва ҷомеъашиносӣ, сукуноти аҳолӣ ва муҳити зист, меъморон ва муҳандисони шаҳрсоз барои барномарезии шаҳрҳо ва ба тартиб овардани сохтори муҳити шаҳрӣ дар шароити имрӯзаи Афғонистони ҷангзада амри зарурии сиёсати давлатӣ бояд дониста шавад.

Масъалаи ассосии муайян кардани равияи навини устувори ташаккули шаҳрҳои Афғонистон дар ҳолати барқароршавии сулҳу салоҳ дар сохтори навини давлатдорӣ бояд равияҳои навини пешқадами шаҳрсозиро дар минтақа муайян кунад, ки он омӯзиши як қатор равияҳо ва масоили илмиро муайян мекунад, ки унвонҷӯ Муҳаммад Усмон Билим ҳар яки онро дар маҷмӯъ дида баромадааст, ба монанди:

- Баррасии масаъла оиди шаҳрнишинӣ ва мавзӯъҳои муҳими сукуноти аҳолии он ҳамчун асоси ташаккули шаҳрҳо аз диди сохтор ва ҷойгиршавии маҳалҳои шаҳрӣ;

- Маълумот оиди мухталифии ташаккули сохтори шаҳрӣ барои омӯзиши риштаҳои тарроҳии шаҳрӣ, барномарезии сохтори шаҳрӣ, ташаккули шаҳру шаҳрсозӣ ва гуногунрангии меъмории шаҳрҳо;

- Муайян кардани назарияи навини шаҳрсозӣ ва пешниҳод ба азнавсозии идоракунии фаъолияти шаҳрсозӣ оиди корбастҳои маҳалҳои истиқоматии шаҳрӣ, ҷиҳати тавсия барои ташаккули сохтори шаҳрҳои калон ва сохтани муҳити беҳтарини маҳалҳои зисти шаҳрӣ дар он;

- Муайян намудани равияи илмии тарроҳӣ дар сиёсати шаҳрсозӣ, аҳамият ва нақши он дар риштаи муҳими идоракунии фаъолияти шаҳрсозӣ ҳамчун асос дар барномарезиҳои навини шаҳрҳои калони маркази Афғонистон;

- Таҳияи барномаи навини ташаккули маҳалҳои истиқоматӣ дар сохтори шаҳри Кобул ва корбасти мемориву тарҳрезии он ҳамчун намуна барои минтақаҳои маркази наздикӯҳии Афғонистон;

Ҷойгиршавӣ ва ташаккули шаҳрҳои калони Афғонистон дар фазои табиӣ ва мавқеи шаҳр дар системаи сукуноти аҳолӣ дар минтақаҳои гуногуни вилоятҳои кишвар ба монанди шохаҳои илми шаҳрсозӣ оиди парокандагии маконҳои шаҳрӣ аз тарафи унвонҷӯ муайян шудааст. Бар ин асос таҳлили мавқеъи ҷойгиршавӣ, сохтори шаҳрҳо ва муайян кардани дурнамо дар ташаккули тарҳи шаҳрҳо дар асоси ҳолати зерин сурат мегирад:

- Низоми сохтори дохилии шаҳрҳо ва истифодаи муҳити гирду атрофи он барои манзил бар асоси истифодаи самараноки замин ва инфрасохтори иҷтимӣ дар шаҳрҳо;

- Баррасии раванди нишондодҳо ва шаклгирии онҳо дар нақшаи тарҳи шаҳрҳо ва ташаккули сохтори маҳалҳои истиқоматии шаҳрҳо.

Тарзи сукунот ва омилҳои асосии ташаккули маҳалҳои зисти мардумӣ, ҷиҳати илмии он аз диди шаҳрсозӣ, дар Маркази вилоятҳои Афғонистон то замони ҳозира асосҳои тақиқиқотҳои сохтори худро даръёфт накардааст. Нигоҳи гузаро ба манбаи мавҷуда ва таҳқиқоти анҷомшуда дар бораи шаҳр ва шаҳрнишинӣ, ба ғайр аз кофтуковҳои алоҳидаи манбаҳои ҷуғрофиёӣ дар

ин замина мавҷуд нест. Аз ин ҷиҳат дар диссертатсияи Билим Муҳаммад Усмон тадқиқотҳои амиқе оиди ташаккули маркази вилоятҳо, сохтор ва меъмории шаҳрҳои калони Афғонистон аз ҷиҳати илмӣ асоснок муайян шудааст.

**Объекти омӯзиш** омилҳо ва шароитҳои таъсиррасон ба ташаккули сохтори банақшагирии шаҳрҳои калон дар шароити нави тағйирёбӣ ва рушди шаҳрҳо - маркази вилотҳои Афғонистон қарор дода шудааст.

**Мавзӯи омӯзиш** дарёфти нақши сохтори шаҳрӣ дар ташаккули муҳити атрофи он дар шароити мавзеъҳои наздикӯҳии Афғонистон.

**Мақсади таҳқиқот** барқароркунии системаи идоракунии шаҳрӣ ва такмили асосҳои методиву ҳуқуқии ташаккули сохтори тарроҳии шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистан дар ҳолати тараққиёти осоиштаи давлат.

**Ҳадафҳои тадқиқот:**

- омӯзиши асосҳои таърихии ташаккули шаҳрҳои калон ва муайян кардани равияи нави шаҳрсозӣ барои шаҳрҳои калон - маркази вилоятҳои Афғонистон;
- муайян намудани омилҳои асосии бевосита бо шароити рушди шаҳрҳо таъсиррасон, ки дар ин замина принсипҳои танзими шаҳрсозии маҳалҳои шаҳрӣ муайян карда мешаванд;
- таҳияи талаботи минтақавӣ оид ба танзими системаи банақшагирии тарҳи шаҳрҳо дар асоси омӯзиши рушди иҷтимоию иқтисодии маҳалҳои зисти маркази вилоятҳо;
- таҳияи консепсияи нави банақшагирии шаҳрҳо дар асоси такмили низоми ҳуқуқии системаи шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори онҳо;
- таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили принсипҳои банақшагирии тарҳи шаҳрҳои калони маркази вилоятҳо дар шароити нави рушди шаҳрсозӣ;
- муайян кардани роҳҳо ва усулҳои нави танзими шаҳрсозӣ дар минтақаҳои шароити релйефашон душвори атрофи шаҳрҳои калон бо истифодаи манзили пастошёнаи ихчам (на он қадар калон).

**Навгонии илмии тадқиқот чунин аст:**

- пешниҳодҳо оид ба барқарорсозии системаи шаҳрсозӣ бо мақсади рушди устувори шаҳрҳои калони марказҳои вилоятӣ дар қаламрави минтақаҳои шаҳршавии Афғонистонро таҳия ва асоснок кардааст;
- пешниҳодҳои минтақавӣ оид ба ташаккули сохтори истиқоматии пастошёна бо назардошти истифодаи анъанаҳои маҳаллӣ дар ташкили бинокории манзил дар релйефҳои доманакӯҳии Афғонистон дар сохтори банақшагирии шаҳрҳои калон пешниҳод шудааст;

- бо назардошти шароити табиӣ-иқлимӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, демографӣ ва моддию техникии рушди кишвар модели банақшагирии ташаккули форматсияҳои анъанавии истиқоматии пастошёна дар сохторҳои шаҳрҳои калони марказҳои вилоятӣ пешниҳод шудаанд;

- заминаи тавсиявии методӣ оид ба тарҳрезии шаклҳои ибтидоии шаҳрсозӣ - маҳаллаҳои анъанавӣ бо биноҳои истиқоматии иҷтимоӣ дастраси мардумӣ аз масолеҳи маҳаллӣ дар робита бо шароити рушди муосир ва ояндаи шаҳрҳои таърихӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ пешниҳод гардидааст.

Муқарраротти номбаршуда, ки **навигарии таҳқиқоти рисоларо** тавсиф мекунанд, аз ҷониби муаллиф барои ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

**Қисмати назариявии кори рисолавӣ дар хулосаи зерин мебошад:**

- Муайян кардани сиёсати навини шаҳрсозӣ ва пешниҳод ба азнавсозии идоракунии фаъолияти шарсозӣ оиди корбастҳои маҳалҳои истиқоматии шаҳрӣ, ҷиҳати тавсия барои ташаккули шаҳрҳои калон ва сохтани муҳити беҳтарини маҳалҳои зисти шаҳрӣ дар шароити доманакӯҳӣ;

- Тавсияи равияи нави тарроҳӣ дар сиёсати шаҳрсозӣ, аҳамият ва нақши он дар риштаи муҳими идоракунии фаъолияти шаҳрсозӣ ҳамчун асос дар банақшагирии тарҳи ояндаи шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон;

**Аҳамияти амалии кор** дар таҳияи Барномаи навини шаҳрсозӣ оиди ташаккули маҳалҳои истиқоматӣ дар сохтори шаҳри Кобул ва корбасти мемориву тарҳрезии он ҳамчун намуна барои мавзеҳои истиқоматии шаҳрҳои калон дар минтақаҳои наздикӯҳии Афғонистон мебошад.

Ба ҳамин далели замонавӣ ниёз ба сиёсати нави шаҳрсозӣ ва дар ин асос тайёр намудани мутахасисон дар соҳаи иҷтимоиву иқтисодӣ, меъмори муҳити зист, муҳандиси шаҳрсоз барои барномарезии шаҳрҳо ва сомон додани муҳити шаҳрӣ дар Афғонистон амри зарури замон пешниҳод шудааст.

**Эътимоднокии таҳқиқот** тавассути натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи усулҳои маъруфи графикӣ-таҳлилии таҳқиқ ва коркарди маълумоти оморӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрҳои калон - марказҳои минтақавии Афғонистон дар асоси усулҳои маъруфи таҳлил тасдиқ карда мешавад. Ҳалли тарроҳӣ ва бинокории маҳалҳо бо усули муайянкунии сатҳи сохтмонӣ ва самаранокии истифодаи заминҳои шаҳр бо истифода аз формулаҳои маъмули шаҳрсозӣ ҳисоб карда шудаанд. Бинокорӣ дар релйефи номусоиди теппаҳо ва доманакӯҳӣ дар асоси меъёрҳои маъмули шаҳрсозӣ вобаста ба маҳал ҳисоб карда шудааст.

**Саҳми шахсии муаллиф** аз гузоштани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, ин таҳлили нақшаҳои генералии шаҳрҳо, таҳлил ва коркарди натиҷаҳои таҳқиқот оиди сохтори шаҳрҳо мувофиқи барномаи корӣ, коркард, таҳлил, ҷамбасти натиҷаҳо ва тавсияҳои хулосавӣ оиди тарроҳии шаҳрҳои калони Афғонистон, корбасти лоиҳавӣ ва пешниҳоди модели тарҳи маҳаллаҳои истиқоматӣ дар релйефи доманакӯҳӣ пешбинӣ шудааст.

**Натиҷаҳои тадқиқот** дар таҳияи меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонии Вазорати шаҳрсозӣ ва арозии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва ҳангоми таҳияи лоиҳаҳо оид ба сохтори банақшагирии рушди шаҳрҳо ва дар раванди таълими Донишгоҳи Ҷавзҷони  Ҷумҳурии Исломии Афғонистон амалӣ карда шуданд.

**Татбиқи натиҷаҳои кор** бо санадҳои Вазорати шаҳрсозӣ ва арозии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Донишгоҳи Ҷавзҷони вилояти номбурдаи Афғонистон тасдиқ карда шудааст.

**Муқаррароти илмии дар рисола зикршуда** ба шиносномаи ихтисоси 05.23.22 – “Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои аҳолинишини деҳот” мувофиқат мекунад.

**Дараҷаи эътимоднокии** натиҷаҳоро омӯзиши ҳамаҷонибаи маҳалҳои истиқоматӣ ва рушди шаҳр бо биноҳои пастошёна дар минтақаҳои доманакӯҳии Кобул, инчунин таҳқиқоти сохтори шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон, ки ба мақолаҳои нашршуда дохил карда шудаанд, тасдиқ мекунад.

**Мутобиқати рисола бо шиносномаи ихтисоси илмӣ: Равияи таҳқиқотии кори рисолавӣ** ба шиносномаи тахассуси илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ихтисоси 05.23.22 – “Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои аҳолинишини деҳот”, аз он ҷумла: (қисматҳои «Назарияи шаҳрсозӣ», «Бозсозӣ ва таҷдиди мавзеъҳои истиқоматии шаҳрҳо» ва «Назария ва тарзи бинокорӣ дар шароити релйефи доманакӯҳ)» номенклатураи ихтисосҳои кормандони илмӣ, мувофиқат мекунад. **Эътимоднокии натиҷаҳоро** шаҳодатномаи зидди плагиат низ тасдиқ мекунад. Асолати мундариҷаи рисола 87,37% ҳаҷми умумии матнро ташкил медиҳад; иқтибосҳо дуруст ҷобаҷо карда шудаанд; гирифтани иқтибосҳои пурра аз ҷониби муаллиф вуҷуд надорад; корҳои илмии иҷронамудаи унвонҷӯ, ки дар ҳаммуалифӣ иҷро шудаанд ва бе дарҷи номи онҳо бошанд, ошкор нагардид.

**Эродҳо нисбати кори илмӣ:**

1) Муқаддимаи корро ба мазмуни рисола дуруст пешниҳод кардан лозим аст.

2) Дар Бобҳои 1, 2 ва 3 аз лиҳози зиёд будани хатогиҳои имлоӣ, қисмати зиёди калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳоро ба забони давлатӣ (тоҷикӣ) кардан лозим аст.
3) Дар Боби 1, хулосаҳои 3 ва 8 мазмуни навиштаҷотро намедиҳанд, гирифтан лозим аст.
4) Дар саҳифаҳои 158-187 (29 саҳ.) расмҳо тибқи талабот пешниҳод карда шаванд.
5) Нақшаҳо, расмҳо ва адабиётҳои иловагӣ замима карда шуда, номгӯ, сол ва дигар маълумотҳо қайд карда шаванд.

**Комиссия** ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо дида баромада ва бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳо ва эродҳои зикргардида, кори диссертатсионии Билим Муҳаммад Усмонро дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-027 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар мавзӯи «Барқароркунии системаи шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори тарҳи шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон» барои ҳимояи дараҷаи илмии номзади меъморӣ аз рӯи ихтисоси 05.23.22 – «Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои аҳолинишини деҳот» тавсия медиҳад ва ҳамчунин:

- **Муассисаи пешбар** - Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии “Сохтмон ва меъморӣ”-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- **Муқарризи расмӣ** – Шукуров Илҳом Садриевич – доктори илмҳои техникӣ, профессор, декани факултети “Идоракунии сохтмон”-и Институти меъморӣ ва сохтмони шаҳри Самарқанд;
- **Муқарризи расмӣ** – Ғанизода Ҷамшед Шуҷоат – номзади меъморӣ, дотсент, Ректори Донишгоҳи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистонро таъин мекунад.
-

Раиси комиссия,
Доктори илмҳои таърих,
И.в.дотсент — Тиллоев С.С.
Аъзоёни комиссия:
Номзади меъморӣ, дотсент — Мирзоева Ф.З.

Номзади меъморӣ, муал.калон — Раҳматуллозода Ш.И.

Имзоҳо дурустанд:
Котиби илмии Шӯрои
Диссертатсионии 6D.KOA-027
назди ДТТ ба номи ак. М.С. Осимӣ
Номзади илмҳои техникӣ, дотсент — Раҳмонзода А.Ҷ.